# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Саидзода Баҳрулло Хол дар мавзӯи «Тадқиқи хусусиятҳои психологии шахсияти наврасону навҷавонони майл ба худкушидошта (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯи ихтисоси 6Д050300 - Психология.

Мавзӯе, ки дар автореферати диссертатсионии Саидзода Баҳрулло Хол пешниҳод гардидааст ба як қатор проблемаҳои назариявӣ ва амалие дахл дорад, ки мутахассисони соҳаи психологияро ба худ ҷалб намудааст. Мубрамияти кори довталаб шубҳа надорад, зеро дар заминаи он худкушӣ ҳамчун амали аутоагрессивӣ, падидаи иҷтимоӣ ва психологӣ муайян карда мешавад. Аз ин лиҳоз, омили асосии бавуҷудоварандаи майли худкушӣ ё такондиҳандаи шахс ба амали худкушӣ маҳз омилҳои психологӣ маҳсуб меёбанд. Маҳз омӯзиши хусусиятҳои психологии шахсони майл ба худкушидошта ё қасди худкушикарда масъалаи воқеан ҳам мубрам маҳсуб меёбад.

Аз тарафи дигар, новобаста аз тадқиқотҳои сершумори назариявӣ ва амалии анҷомдодашуда масъалаи худкушӣ то ҳол муҳимияти худро аз даст надодааст ва омӯзишҳои минбаъдаро талаб менамояд, зеро дар консепсияи психологӣ то ҳол тарзи ягонаи таснифоти сабаб, намуд, омилҳои худкушӣ, ҳамчунин моҳият, шароит ва воситаҳои психологии ислоҳнамоии шахсони майл ва ё касди худкушидошта мавҷуд нест.

Автореферат фарогири маводҳои интишоргардида доир ба мавзӯи диссертатсия буда, мазмуну муҳтавои диссертатсияро бо ду забон тоҷикӣ ва русӣ хеле хуб инъикос намудааст. Дастгоҳи илмии он мувофиқи талаботҳои мавҷуда, мураттаб гашта, муҳиммияти мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, ҳадафи асосӣ, объект, предмет, фарзия, вазифа, заминаҳои назариявию методологӣ, метод, заминаҳои сарчашмавӣ, марҳилаҳо, навгонӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, муътамадии натиҷаҳо, татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот, нуқоти асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод шуда ва сохтори рисоларо дар бар гирифтааст.

Аҳмияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки он хусусияти байнисоҳавӣ дошта, натиҷаҳои онро дар дигар илмҳо низ истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаҳои бадастомадаро метавон дар таҳияи курсҳои таълимӣ ва навиштани дастуру китобҳои дарсӣ оид ба рафтори суидсидӣ, ҳангоми омоданамоии лексияҳо ва курсҳои махсус истифода бурд.

Илова бар ин, диссертант якчанд тестҳои психологиро, аз қабили «Саволномаи Бек», «Методикаи Б.Бас (Равияи шахс)», «Анкетаҳои Белов», «Саволномаҳои Тейлор (дараҷаи изтиробнокии шахс)» бо назардошти талаботи психометрикӣ ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ намудааст, ки таҷрибаи аввалин буда, аҳмияти махсуси амалӣ дорад.

Апробатсия ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот тибқи нишондоди автореферат, дар ҳама марҳилаҳои кори таҷрибавӣ гузаронида шудааст.

Вобаста ба масъалаи таҳқиқот мухтавои калидӣ ва хулосаҳои кори диссертатсионӣ дар 6 мақолаи муаллиф, ки дар маҷаллаҳои аз ҷониби КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйидшуда чоп гардидаанд, инчунин дар як қатор маърӯзаҳои муаллиф дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ инъикос ёфтаанд.

Ҳамзамон, ба сифати тавсия бояд ҳаминро қайд кард, ки ифшои васеътари мушкилоти таҳқиқ аз тарафи олимони тоҷик метавонист ороиши омӯзиш бошад. Вале, ин тавсия аҳамияти илмии тадқиқоти диссертатсияро кам намекунад.

Омӯзиши автореферати диссертатсияи Саидзода Баҳрулло Хол дар мавзӯи «Тадқиқи хусусиятҳои психологии шахсияти наврасону навҷавонони майл ба худкушидошта (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба мо имкон медиҳад, ки кори пешниҳодшударо ҳамчун таҳқиқи ба анҷомрасида баррасӣ намоем, ки ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 10, 11, 12, 14 ва 16 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 дар бораи «Тартиби додани унвон ва дараҷаҳои илмӣ (дотсент, профессор) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯи ихтисоси

6Д050300 - Психология ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он Саидзода Баҳрулло Хол барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯйи ҳамин ихтисос сазовор мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
Директори муассисаи давлатии
«Китобхонаи миллии Тоҷикистон» - и
Дастгоҳи иҷроияи Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Файзализода Ҷумахон Хол

02 марти соли 2020

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Душанбе, кучаи Теҳрон 5.
E-mail: f.jumakhon@mail.ru
Тел.(+992) 918506324

Имзои профессор Ҷ.Файзализодаро
тасдиқ менамоям: Сардори шуъбаи кадрҳои
МД «Китобхонаи миллии Тоҷикистон»-и
Дастгоҳи иҷроияи Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Каримзода М.М.
02 марти соли 2020